**Тақриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзуи «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 09 – Фолклоршиносӣ**

Пажӯҳише, ки унвонҷӯ Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович анҷом додааст, ба яке аз мавзуъҳои муҳимми улуми фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» бахшида шудааст. Масъалаи таҳқиқу баррасии рӯзгор ва эҷодиёти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар осори шифоҳӣ ва адабиёти хаттӣ дар заминаи нақлу ривоятҳо, ёддоштҳои ҳамасрони ин нобиғаи ҳама давру замон ҳарчанд нав нест, вале бо дарназардошти доштани аҳамияти ҷанбаҳои таърихӣ ва фарҳангӣ мавзӯи болозикр муҳиммияти нави пажуҳишӣ ба худ касб кардааст. Дар ин росто мавзуе, ки соҳиби диссертатсия ба риштаи таҳқиқ кашидааст, то ин замон дар фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик ба таври мушаххас ва дар шакли ҷудогона мавриди омӯзишу пажӯҳиши фарогир қарор нагирифтааст. Лозим ба ёдоварист, ки дар робита ба ин мавзуъ баъзе корҳои шоёни пашуҳишӣ аз ҷониби адабпажӯҳону ховаршиносони ватаниву хориҷӣ анҷом пазируфтаанд, вале муқоисаи симо ва шахсияту ашъори Рӯдакӣ дар илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ дар ин диссертатсия ба таври нисбатан муфассал ва мушаххас баррасӣ ёфтааст.

Аз мутолиаи фишурдаи диссертатсия бармеояд, ки унвонҷӯ таҳлилу баррасии диссертатсияи хешро дар пояи усулҳои маъмули илми фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ, яъне усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили тасвирӣ амалӣ сохта, аз таҳқиқоти донишмандони шинохтаи ин соҳа фаровон истифода намудааст ва саҳми эшонро дар ин самт воқеӣ ва бо эҳтиром таъкид кардааст.

Чуноне аз муҳтавои фишурдаи диссертатсия маълум мегардад, дар тули қарнҳо ниёгони мо дар бораи шахсияти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ нақлу ривоятҳои зиёде офаридаанд, ки аксари онҳо тавассути фолклор ва адабиёти хаттӣ маҳфуз монда, ҳамчун падидаи маънавӣ имрӯз низ ба ҳамагон хизмат мекунанд. Маҳз илму маърифати баландпоя, дониши фарох, истеъдоди фитрӣ ва хислатҳои неки инсонпарваронаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ боис шуданд, ки ӯ дар байни мардум аз маҳбубияти зиёде бархӯрдор асту халқ дар ситоиши кору пайкораш осори мондагоре эҷод кардааст. Омӯхтани ҳаёту эҷодиёт, ҳунару истеъдод, муносибати шоир бо амирон, масоили нобиноиву ошиқӣ аз

назари ривоятҳои мардумӣ ва равобити ашъори ӯ бо осори шифоҳӣ дар айни замон муҳим буда ва дар ин замина навиштани рисолаи илмӣ кори хеле ҳавсалафарсо ва судманд ҳам мебошад. Унвонҷӯ барои ба сомон расонидани пажӯҳиши худ ба осори гузаштагону имрӯзиён, аз тазкираву осори таърихӣ, ба мисли «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ (асри XI), «Чаҳор макола»-и Низомии Арузии Самарқандӣ (асри XII), «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ (асри XV), «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ (асри XV) сар карда, то асарҳои таҳқиқотии донишмандону адибон ва ҳамчунин асарҳои фолклории дар ин замина таълифгардида такя карда, рисолаашро анҷом додааст. Масъалаи дигар омӯхтани шахсият ва ҳунару истеъдод, кору фаъолият ва масоили гуногуни рӯзгори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз назари ривоятҳои мардумӣ мебошад, ки унвонҷӯ бо камоли масъулияту фаросати суханшиносӣ кори худро дар заминаи таҳлили ривояту нақлҳои мардумӣ анҷом додааст.

Ҷавҳари кори муаллифи рисола дар ин аст, ки вай аҳамияти омӯхтани сарчашмаҳои фолклории рӯзгор ва ашъори Рӯдакиро дуруст дарк намудаву ба хулосаҳои саҳеҳи илмӣ расидааст. Ба андешаи ӯ, бархе аз намунаи ривояту нақлҳои мардумӣ дар асоси воқеаву ҳаводиси таърихии марбут ба рӯзгор ва саргузашти шоир эҷод гардида, дар байни мардум бо қаринаҳои мухталиф густариш ёфтаанд. Ҷиҳати хуби дигари рисолаи мавриди назар нигоҳе ба корбурди устод Рӯдакӣ аз дурдонаҳои мардумӣ, бозтоби чеҳраҳои асотириву фолклорӣ, истифодаи зарбулмасалу мақолҳо ваибораҳои рехта, симои махлуқоти асостирӣ, чистону луғз ва марсияҳо дар ашъори ӯ мебошад, ки арзиши пажӯҳишро бештару хубтар намудааст. Муаллифи рисола дар асоси овардани мисолҳо аз ашъори худи шоир ва осори шифоҳӣ таъкид намудааст, ки нигоштаҳои Рӯдакӣ бо эҷодиёти маънавии халқ алоқамандии наздик доштааст. Бинобар ин, бояд эътироф намуд, ки ашъори Рӯдакӣ аз ҷиҳати бадеият ва ҳунари шоирӣ ҳамчун як намунаи олии шеъри замони Сомониён ва умуман адабиёти форсизабонон шинохта мешавад.

Дар баробари комёбиҳои арзишманди илмӣ дар фишурдаи диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳснок ва ислоҳталаб ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо бамаврид буда, ба ҷиҳати хубии кори илмӣ меафзояд, аз ҷумла:

1. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе галатҳои техникӣ, услубӣ ва имлоӣ дида мешаванд. Чунончи, дар баъзе маврид номи пажӯҳандагон бо андаке ғалат оварда шудааст: ба ҷои Е.Э. Бертелс номи муҳаққиқ ҳамчун Э.Е. Бертелс, ба ҷои Саид Нафисӣ номи ӯ Нафисӣ Саид омадааст. Ҳамчунин дар баъзе ҳолат дар дохили як ҷумла ному насаби

баъзе олимон дар шакди пурра ва баъзеашон дар шакди нопурра оварда шудаанд. Ба андешаи мо, унвонҷӯ дар ин маврид меъёри ягонаро интихоб менамуд, мувофиқи матлаб мебуд (саҳ, 8, 15).

2. Дар баъзе маврид такрори андеша ва калимаҳо роҳ дода шудаанд, ки услуби ҷумлаҳоро каме коҳиш медиҳанд. Аз ин рӯ, агар муҳаққиқ аз муродифи чунин калимаҳо истифода мекард, беҳтар буд.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ ваислоҳшаванда буда, ҳеч гоҳ қимати илмии диссертатсияро паст карда наметавонад.

Хулоса, рисолаи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзуи «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» кори анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 - Фолклоршиносӣ мебошад.

**Муқарризи ғайрирасмӣ:**
**доктори илми филолоғия,**
**профессори кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Тағаймуродов Рустам**

**Нишонӣ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯч. Д/халқҳо 56/22.**
**Тел.: (+992) 987-31-55-22.**

**Имзои Р.Ҳ. Тағаймуродовро**
**тасдиқ менамоям:**
**сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии**
**Бохтар ба номи Носири Хусрав»** **Ҷ.А. Шукурзод**

**14.11.2022.**

**Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯч. Айнӣ, 67.**
**Тел.: (+992 3222) 2-45-20; (+992 3222) 2-22-53.**
**E-mail: www.btsu.tj.**